# Меъёри бозтамвил 1,0 банди фоизӣ паст карда шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №33 аз 28 апрели соли 2023 ҷиҳати 1,0 банди фоизӣ паст кардани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 10,0 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти аз ҳадафи муқарраргардида пасттар қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ қабул карда шуд.

Инчунин, дар раванди қабули қарори мазкур баҳодиҳӣ ва дурнамои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ[1] оиди коҳишёбии хавфҳои таваррумӣ дар ҷаҳон ва тамоюли коҳишёбии сатҳи нархҳои ҷаҳонии молу маҳсулоти хӯрокворӣ ҳамчун омили таъсиррасони берунӣ ба сатҳи таваррум дар кишвар ба инобат гирифта шудааст.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон***. Пас аз як қатор рӯйдоду пайомадҳои гуногуни нохуши ҷаҳонӣ, ки ба сатҳи нархҳо ва иқтисодиёти бештари кишварҳо таъсири назарраси манфӣ расониданд, дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ бошад, тибқи мушоҳидаҳо нисбатан тамоюли барқароршавии иқтисодиёти ҷаҳон, муътадилшавии сатҳи нархҳо, барқароршавии занҷираи таъминот, коҳишёбии арзиши ҳамлу нақли молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, аз нав рушдёбии соҳаи туризм ва хизматрасонии ҳавопаймоӣ ба қайд гирифта шуданд.

Тамоюли коҳишёбии омилҳои таваррумии ҷаҳонӣ, муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ дар навбати худ ба сатҳи нархҳои дохилии кишвар ва интизориҳои таваррумии аҳолӣ, бахусус дар моҳҳои январ – марти соли 2023 таъсири мусбат расониданд.

Дар ин раванд, сатҳи таварруми солона (12 моҳи охир) дар моҳи марти соли ҷорӣ 3,6 фоизро ташкил намуд, ки ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 3,7 банди фоизӣ кам мебошад.

[1] *World Economic Outlook, IMF, April 2023*
[16] *www.fao.org*